**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**

**шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди**

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №4

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15-уми майи соли 2023, №3

барои сазовор донистани Одинаев Саидаҳмад Полвонович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология.

Диссертатсияи Одинаев Саидаҳмад Полвонович дар мавзуи "Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2023, таҳти №60) рӯзи 9-уми марти соли 2023, суратҷаласаи №13 барои ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Одинаев Саидаҳмад Полвонович 19-уми сентябри соли 1958 дар ноҳияи Дарвози Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон таваллуд шудааст. Соли 1975 ба Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, онро аз рӯйи ихтисоси забону адабиёти тоҷик хатм кардааст.

Фаъолияти меҳнатии худро аз соли 1980 ҳамчун муаллими кафедраи забонҳои хориҷӣ ва тоҷикии филиали Донишкадаи омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко дар шаҳри Қурғонтеппа оғоз намудааст. Солҳои 1986-1989 аспиранти кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко. Солҳои 1990-1992 ҳамчун

муаллими калони кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) ба номи Носири Хусрав фаъолият намудааст. Соли 1993 як муддат ҳамчун муаллими забону адабиёти тоҷики мактаби миёнаи № 51 шаҳри Душанбе кор кардааст. Фаъолияти кории мавсуф аз соли 1993 бо Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино тавъам аст ва дар вазифаҳои зерин адои вазифа намуддаст: муаллими кафедраи забони тоҷикӣ, муҳаррири пешбари шуъбаи дастурҳои таълимӣ ва тибби ниёгон, тарҷумони шуъбаи табъу нашр, муалими калони кафедраи забони тоҷикии донишгоҳи мазкур. Аз соли 2016 инҷониб дар Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон кор карда истодааст: саравввал муаллими калони кафедраи забонҳо ва аз соли 2020 инҷониб мудири кафедраи забонҳо мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири шуъбаи забонҳои бостон ва ориёни ва Институти забону адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ **Мирбобоев Азизхон.**

**Муқарризони расмӣ:**. доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистонба номи Абуалӣ ибни Сино **Низомова Санобар Фахриевна,** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав **Назаров Меҳрубон Ниёзмадович.**

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикии ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Усмонова Мунаввара Холиқовна, номзади илмҳои филологӣ Мамадаминова Замира Бахтиевна, котиби илмии ҷаласа Холов Фарҳод Кенҷабоевич ва имзову муҳри ректори

муассиса, доктори илмҳои филология, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ пешниҳод шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи номзадии Одинаев Саидаҳмад Полвонович дар мавзуи “Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик” ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бар он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ ва 1 монография ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидааст.Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ**

**а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М]. **Одинаев С.П.** Сохтори воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб /С.П.Одинаев// Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи

Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ), 1/4, 49, 2017 С. 40-45. ISSN 2209-6764.

[2-М]. **Одинаев С.П.** Муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо мутазодоти фразеологӣ / С.П.Одинаев// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, № 1 (73), 2018, С. 114-117.ISSN 2219-5408.

[3-М]. **Одинаев С.П.** Муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо муродифоти фразеологӣ/С.П.Одинаев// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ, № 2 (74), 2018, С. 125-128 .ISSN 2219-5408.

[4-М]. **Одинаев С.П.** Ибораҳои маҷозӣ ва воҳидҳои фразеологӣ дар ашъори Рӯдакӣ / С.П.Одинаев// Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ), 1/1, 43, 2017, С. 34-38. ISSN 2209-6764.

**б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ:**

[5-М]. **Одинаев С.П.** Доир ба таълими қолабсозии фразеологизмҳо дар мактаб/ С.П.Одинаев// Мактаби советӣ. -1988, № 8. С-16-20.

[6-М]. **Одинаев С.П.** Фразеологизмҳои ҳамқолаб ва синонимҳои фразеологӣ / С.П.Одинаев// Масъалаҳои забони тоҷикӣ. - Душанбе, 1991 – С. 80-85.

[7-М] **Одинаев С.П.** Антонимҳои фразеологӣ ва фразеологизмҳои ҳамқолаб / С.П.Одинаев// Материалҳои конфронси олимон ва мутахассисони ҷавони ҷумҳурӣ. - Қӯрғонтеппа, 1991-С. 6-9.

[8-М] **Одинаев С.П.** Синонимҳои фразеологӣ ва фразеологизмҳои ҳамқолаб / С.П.Одинаев// Материалҳои конфронси олимон ва мутахассисони ҷавони ҷумҳурӣ. - Қӯрғонтеппа, 1991-С. 23-25.

[9--М] **Одинаев С.П.** Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷикӣ / С.П.Одинаев. - Душанбе, 2022, 160 саҳ.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Дар тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи араби Донишгоҳи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Исмонов Кароматулло Бардриддинович оид ба аҳамияти илмии таҳқиқи воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик сухан рафта, ба автореферат эроди зерин гирифта шудааст:

- дар авторефреат ҷо-ҷо хатоҳои имлоӣ ба назар мерасанд.

2. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, сардори Раёсати таълими Донишгоҳи давлатии Данғара Қодиров Дилшод Сайдаллоевич дар маҷмуъ мусбат буда, нисбати хатоҳои имлоию техникии ҷойдошта эрод гирифта шудааст.

3. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи идоракунии захираҳои инсонии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов Н.С. низ мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

- дар баъзе маврид дар диссертатсия зикри арқоми сарчашма ва саҳифаҳои он дар дохили қавсайн дар муқоиса ба рӯйхати адабиёт мухталиф аст ва бояд ислоҳ карда шавад;

- ҳамчунин дар диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида мегарданд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кор хоҳад буд.

4. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев Холиқназарова С.Х мусбат буда, оид ба ғалатҳои гуногуни грамматикию техникӣ ва услубӣ дар ҷо-ҷойи автореферат эрод гирифта шудааст.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳамияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки довталаби дараҷаи илмӣ зимни иҷро кардани таҳқиқи илмӣ чунин масъалаҳоро ҳаллу фасл намудааст:

-баррасӣ намудани воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб дар забони адабии муосири тоҷик;

-муайян намудани хусусиятҳои сохторию семантикии воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб;

-нишон додани фарқият ва шабоҳати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо гунаҳои фразеологӣ;

-ошкор намудани хусусиятҳои фарқият ва шабоҳати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ва муродифоти фразеологӣ;

-муайян намудани хусусиятҳои фарқият ва шабоҳати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб ва мутазодоти фразеологӣ.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** диссертатсияро дастовардҳои забоншиносони маъруф В.В.Виноградов, Ш.Балли, В.П.Жуков, В.Л.Архангелский, С.Г.Гаврин, В.М.Мокиенко, Ю.А.Рубинчик, Н.Масъумӣ, Р.Ғаффоров, Ҳ.Маҷидов, С.В.Хушенова ва дигарон ба сифати асоси назариявӣ ташкил медиҳанд.

Усули таҳқиқ ғолибан тасвирӣ-системавӣ буда, аввал мулоҳиза ва дар асоси он маводи тасдиқкунанда дода мешавад ё баръакс. Ҳамчунин, дар мавриди таҳлили ВФ усули оморӣ низ истифода шуда, дар мавридҳои зарурӣ усулҳои дахлдори муқоисавӣ-таърихӣ ва типологӣ низ ба кор бурда мешавад.

Ҳамзамон, **саҳми шахсии диссертант** дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи мазкур яке аз аввалин пажуҳишҳо дар забоншиносии тоҷик буда, бо нашри чанд мақола ва монография воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, хусусиятҳои асосии онҳо ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, дар асоси муқоисаву хулосабарориҳои мушаххас вижагиҳои сохторӣ, луғавию маъноӣ ва муносибати воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо гунаҳои

фразеологӣ, муродифоти фразеологӣ ва мутазодоти фразеологӣ ба таври мушаххас нишон дода мешавад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи** довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки таҳқиқи анҷомёфта имкон фароҳам меорад, ки маълумотҳои зиёде оид ба омӯзиши ҷанбаи нави фразеологияи тоҷик – воҳидҳои фразеологии ҳамқолаби забони тоҷикӣ гирд оварда шуда, ҳамчунин хусусиятҳои асосӣ ва фарқияту монандии воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб бо дигар категорияҳои фразеологӣ дар асоси маводи осори адибони тоҷик равшантар баррасӣ карда шавад. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешбурд ва идома додани омӯзиши ҳамаҷониба, бонизом ва амиқтари фразеологияи тоҷик мусоидат кунад. Маълумотҳое, ки дар асоси таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ, оморӣ ва муқоисавӣ ба даст оварда шудаанд, арзишманд мебошанд.

Воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб аз ҷузъҳои асосӣ ва ивазшаванда ташаккул мёбанд. Дар силсилаи фразеологизмҳои ҳамқолаб маънои умумии воҳидҳои фразеологӣ аз рӯйи ҷузъҳои ивазшаванда муайян карда мешавад. Ин ҷузъҳо аксаран ба маънои аслии худ меоянд ва вазни асосии маънои воҳидҳои фразеологӣ ба онҳо меафтад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот** - муайян намудани хусусиятҳои лексикию маъноӣ ва сохтории воҳидҳои фразеологии ҳамқолаб, таркиби лексикии ҷузъҳои дохилӣ, алоқамандии онҳо бо гунаҳо, муродифот ва мутазодҳои фразеологӣ мебошад.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ**. Барои бори аввал муҳаққиқ тавонистааст, ки дар диссертатсияи мазкур ба таври илмӣ хусусиятҳои монандиву тафовути воҳидҳои фразеологии ҳамқолабро аз дигар категорияҳои фразеологӣ ба таври мушаххас муқаррар намояд. Ҳамзамон, **саҳми шахсии муҳаққиқ** дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи мазкур яке аз аввалин пажуҳишҳо дар забоншиносии тоҷик буда, муҳаққиқ бо нашри чанд мақола, монография ва пажуҳиши мазкур хусусиятҳои воҳидҳои

фразеологии ҳамқолаби забони тоҷикиро ба риштаи таҳқиқ кашида, дар асоси таҳлилу хулосабарориҳои мушаххас вижагиҳои сохторӣ, луғавию маъноии воҳидҳои фразеологии ҳамқолабро ба таври мушаххас нишон додааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 15-уми майи соли 2023 дар бораи сазовор донистани Одинаев Саидаҳмад Полвонович ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуданд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Ҷаматов С. С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмӣ филология, дотсент Каримова Д. Н.

15-уми майи соли 2023